**Иқтибос аз суратҷаласаи №9**

**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-005 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, номзад ва доктори илм дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2019**

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 16 нафар тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 12 нафар иштирок кардапд.

**Раис:** д.и.т., профессор Убайдулло Н. К.

**Иштирок карданд:** д.и.т., профессор Убайдулло Н. К. – раиси шӯро; д. и. т., аъзо-корреспонденти АИ ҶТ Пирумшоев Ҳ. П.- ҷонишини раиси шӯро; д. и. т. Хоҷаева Н. Ҷ. – котиби илмии шӯро; д.и.т. Абдурашитов Ф. М.; д.и.т., проф. Абулҳаев Р. А.; д.и.т. Додхудоева Л. Н.; д.и.т. Дубовитский В. В.; д.и.т., академики АИ ҶТ Ёқубов Ю.; д. и. т., Қобилова Б.Т.; д.и.т., проф. Раҷабов А.; д.и.т. Саидов А.; д.и.т., проф. Ҳотамов Н. Б.

***РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА***

Барои ҳимоя қабул кардани таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Абдувалӣ Курбоналӣ дар мавзуи **«Ганҷинаи дирхамхои сомонии Кулоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод шудааст, тасдиқи муқарризони расмӣ ва ташкилоти тақриздиҳанда.

Тибқи фасли IV-уми Дастурамал дар бораи Шӯро оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, номзад ва доктори илм «Ташхиси аввалия ва қабули диссертатсия барои ҳимоя», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 с. №505 тасдиқ шудааст, Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 005, ки дар назди Институти таърих,

бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, санаи 26.09.2019 комиссияро дар хайати: Ю. Ёқубов – доктори илмҳои таърих, академик, Н. Раҳимов – доктори илмҳои таърих ва С. Бобомуллоев – доктори илмҳои таърих барои баррасии диссертатсияи Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ дар мавзӯи «Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, ки дар шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст, таъйин намуд.

Дар асоси аризаи унвонҷӯ, хулосаи шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 сентябри соли 2019, хулосаи комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо, дар мутобиқат бо бандҳои 44–47 фасли IV-уми Дастурамал дар бораи шӯро оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, номзад ва доктори илм, Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-005

**Қарор мекунад:**

1. Хулосаи комиссия ҷиҳати мутобиқати диссертатсияи Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ дар мавзӯи **«Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ»** аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ба соҳаҳои Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-005 ва ба мавзӯи пешниҳодшуда тасдиқ карда шавад.

2. Диссертатсияи Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ **«Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ»** аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

3. Санаи тахминии ҳимоя 20 феврали соли 2020 таъйин карда шавад.

4. Ба ҳайси муқарризони расмӣ тасдиқ карда шаванд:

-доктори илмҳои таърих Мирбобоев Абдулло, профессори кафедраи таърихи ватан ва археологияи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

- доктори илмҳои таърих, Тиллоев Сангаҳмад Самадович, мудири кафедраи меъморӣ ва дизайни факултети сохтмон ва меъмории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ.

5. Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон ба ҳайси ташкилоти тақриздиҳанда тасдиқ карда шавад.

6. Феҳристи ташкилотҳо ва ашхос барои фиристодани автореферат тасдиқ карда шавад.

7. Ба унвонҷӯ барои нашри автореферати диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшуда иҷозат дода шавад.

**Натиҷаҳои овоздиҳӣ: « ҷонибдор » - 12, «муқобил» - 0, « бетараф» - 0.**

Раиси
Шӯрои диссертатсионӣ,
д.и.т., профессор — Н. К. Убайдулло

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
д.и.т. — Н. Ҷ. Хоҷаева

Имзоҳои Н. К. Убайдулло ва Н. Ҷ. Хоҷаеваро тасдиқ мекунам

Нозири кадрҳо — Г. Файзуллоева